Илмро барои фахрфурӯшӣ бар уламо ва муноқиша кардан бо аблаҳон наомӯзед

Аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ (Худованд аз он ду розӣ бод) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) фармуданд: " Илмро барои фахрфурӯшӣ бар уламо ва муноқиша кардан бо аблаҳон наомӯзед, ва на инки дар маҷолис болонишин бошед, зеро ҳар касе чунин кунад, ҷояш ҷаҳаннам аст, ҷаҳаннам".
[Саҳеҳ] [رواه ابن ماجه]

Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) аз талаби илм барои худнамоӣ назди уламо ва нишон додани худ ҳамчун як соҳибилм ва ё барои баҳс ва мунозира кардан бо аҳмақону камақлон, ё барои болонишин шудан дар маҷолис ва бартарӣ доштан бар дигарон, барҳазар доштаанд. Ҳар касе чунин кунад, ӯ бинобар риёкорӣ ва адами ихлос дар талаби илм, сазовори оташи дӯзах аст.

http://sunnah.global/hadeeth/tg/show/65047